# 10191 - Оё намози харомхӯр қабул мешавад?

**савол**

Оё дуруст аст, ки агар хӯроки ҳаром бихӯрӣ, то чиҳил рӯз намозат қабул намешавад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар таоми ҳаром бихӯрӣ, дар рад шудани дуои худ сабаб шудаӣ (яъне дуоят қабул намешавад), аз ин рӯ, дар ҳадиси қудсӣ омадааст:

**«Ва аз ҳаром ғизо гирифтааст, пас чи гуна дуои чунин шахсе пазируфта мешавад?».**

Ин ба он маъност, ки аз эҳтимол дур аст, ки дуояш қабул шавад. Аммо намозаш, ки аз дуо ва дигар ибодатҳо иборат аст, пазируфта мешавад. Ба ин маъност, ки намозаш кофӣ буда, аз зиммаи ӯ соқит мегардад ва ба ӯ дастур дода намешавад, ки онро бори дигар такроран бихонад. Дар ривояте омодааст, ки касе шароб бинӯшад, Аллоҳ намози чиҳил рӯзаашро қабул намекунад.